«Тасдиқ мекунам»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
______________ Қурбонзода М.Р.
«____» ______________ соли 2025

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Ибодов Нурали Ҳасанович дар мавзуи «Асосҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва молиявии ташаккули низоми суғуртаи тиббӣ дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901) – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Таҳлили амиқи муҳтавою мундариҷаи диссертатсияи тақризшаванда нишон дод, ки воқеан, диссертатсияи Ибодов Нурали Ҳасанович дар мавзуи «Асосҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва молиявии ташаккули низоми суғуртаи тиббӣ дар Тоҷикистон)» дар заминаи шиносномаҳои ихтисосҳои соҳаи илмҳои иқтисодӣ (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, таҳти №6) аз рӯйи ихтисоси доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 –Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) таҳия шудааст диссертатсия ба бандҳои 7.1., 7.2., 7.4., 7.5., 7.6., 7.7. шиносномаи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901) – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мутобиқат менамояд.

**2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Асосҳои молиявии низомҳои суғуртаи тиббӣ дар мамлакат яке аз соҳаҳои афзалиятнок دониста мешавад, ки дар қатори дигар ширкатҳои суғуртавӣ худи суғуртаи тиббӣ муҳим дониста шуда, барои аҳолии мамлакат зарур мебошад. Аз ҳамин лиҳоз дар шароити муосир ширкатҳои суғуртавӣ метавонанд ҳамкорииҳои худро барои устуворсозии молиявии худ бо дигар ширкатҳои суғуртавӣ ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба барои дастгирӣ ва пешрафти иқтисодӣ ҷалби молиявӣ шартномаҳо банданд. Дар ҷаҳони муосир давлатҳои тараққикарда метавонанд аз моделҳои нави суғуртаи тиббӣ истифода намоянд ва аз ҷониби бахши давлатӣ ва бахшҳои хусусӣ бояд ҳамавақт дастгирӣ ёбанд. Бояд дар қатори дигар ширкатҳои фаъолияткунанда махсусан барои аҳолиро аз бемориҳо эмин

нигоҳ доштан ва устуворсозии иқтисодии шикарҳои суғуртавӣ зарур мебошад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои устуворсозии суғуртаи тиббӣ ҳанӯз ҳам дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор дошта, ба ҳалли мушкилоти мавҷуда ва пешрафти назаррас диққати ҷиддӣ зоҳир намудан лозим аст. Бо вуҷуди пешравиҳо ва чораҳои андешидашуда барои маълумот пайдо намудани аҳолӣ бояд дар тамоми ҷумҳурӣ намояндагиҳои худро дошта бошанд, ҳамкориро бо аҳолӣ ҷоннок намоянд, суғуртаи тиббӣ бояд рушд намояд.

Барои тадбиқи суғуртаи тиббӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2008 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шуд. Қонуни мазкур мебоист аз моҳи январи соли 2010 дар амал тадбиқ мегардид, вале бо сабабҳои вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва сохторӣ татбиқи Қонун дар чанд марҳила бетағйир монда, амалишавии он то соли 2025 ба таъхир гузошта шуд. Сабабҳои аслии тадбиқ нашудани қонуни мазкур дар омода набудани инфрасохтори зарурӣ барои гузаштан ба суғуртаи ихтиёрии тиббӣ ва паст будани маърифати молиявии аҳолӣ ба шумор меравад. Дар бораи суғуртаи тиббӣ бояд қонунҳое қабул намоянд, ки ин ба манфиати аҳолӣ ва ҷомеаدониста шавад ва дар амал татбиқ намоянд, чунки ҳар як қонун ба пешрафти иқтисоди таъсири мусбӣ бояд расонад, барои дар амал татбиқ намудани қонуни мазкур чораҳои зарурӣ андешида шавад. Аз таҳлилҳо бар меояд, ки суғуртаи тиббӣ амал менамояд, аммо фаъолияти он чандон назаррас намебошад, ки сабабҳои назаррас набудани суғуртаи тиббӣ ин маълумот надоштани аҳолӣ мебошад, дар ин бора маълумотҳои зарурӣ надоранд, барои рушд намудани ин соҳаи муҳим бояд аҳолиро ба пуррагӣ ба ин соҳаи афзалиятнок шинос намояд.

Барои дар амал татбиқ намудани суғуртаи тиббӣ ва самтҳои молиякунонии соҳаҳои тандурустӣ ва амалисозии ин соҳаи муҳими давлатӣ барои беҳтар намудани низомҳои суғуртаи тиббӣ, нигоҳдории ёрии суғуртаи тиббӣ барои суғурташавандагон муҳим ва саривақтӣ дониста мешавад. Аз ин нуқтаи назар, масъалаҳои таҳияи муқаррароти илмӣ, методӣ ва назариявии марбут ба ташаккул, рушд, фаъолият, инчунин роҳҳои имконпазири тадбиқи пурраи суғуртаи тиббӣ бо назардошти хусусиятҳои хоси низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки низоми афзалиятҳо ва маҳдудиятҳоро барои он муайян мекунанд, мубрам буда, барои омӯзиш мувофиқ мебошад.

**3. Навгониҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо).** Сатҳи асоснокии илмӣ ва хулосаю тавсияҳои кори диссертатсионӣ бо омӯзишҳои анҷомдодаи муаллиф, дақиқии маълумотҳо, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳои дар таҳқиқоти диссертатсия овардашударо дар фаъолияти амалӣ ҳангоми суғуртакунии тиббӣ дар тамоми манотиқи ҷумҳурӣ истифода бурдан мумкин аст. Унсурҳои навгонидоштаи диссертатсия, ки муаммоҳои илмии аз тарафи муаллиф гузоштаро саҳеҳ тавсия медиҳанд, чунин мебошанд:

- суғуртаи тиббӣ моҳияти асоснокунии самтҳои назариявӣ ва амалии омӯзиши он барои маблағгузории соҳаи тиб муҳим дониста мешавад, ки маҳс дар асоси омӯзиши асосҳои назариявӣ ва амалии асосҳои мафҳумҳои суғуртаи тиббӣ муайян карда шудааст.
- барои дар амал татбиқ намудани ташкили иқтисодӣ ва ҳуқуқии суғуртаи тиббӣ барои самтҳои суғуртаи тиббӣ муҳим дониста мешавад, ки рушди соҳаҳои суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим мебошад, барои беҳтар намудани ин соҳа ҷалби маблағгузорӣ ва барои баланд бардоштани сатҳу сифати суғуртаи тиббӣ дар асоси қабули қонунгузорӣ барои татбиқи соҳа муҳим мебошад, суғуртаи тиббиро соҳаи муҳим дониста лозим аст.
- таҳлилиҳои гузаронидашуда нишон медиҳад, ки мушкилоти суғуртаи тиббӣ ба назар мерасад ва самтҳои заифи фаъолияти ширкати суғуртавӣ дар он мебошад, ки аҳолии мамлакат дар ин бора маълумоти зарурӣ надоранд ва барои маълумоти зарурӣ пайдо намудан бояд дар байни аҳолӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронанд. Дар ин ҳолат, дар асоси модели коррелятсионӣ-регрессионӣ бо истифода аз усули таҳлили PEST омилҳои таъсиррасон ба монанди сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва технологӣ санҷида шуданд.
- суғуртаи тиббӣ дар асоси моделҳо барои маблағгузорӣ ва механизмҳои он барои соҳаи тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муаррифӣ гардидааст. Дар асоси моделҳо муайян карда шудааст, аз ҷумла барои муайян кардани суғуртаи тиббӣ ва нархи хизматрасониҳои тиббиро муайян месозад ва дар асоси суғуртаи тиббӣ равона мегардад.
- суғуртаи тиббӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикисткон муҳим арзёбӣ мегардад, ки барои татбиқ ва амалисозии он равона карда мешавад ва дар асоси омилҳо, моделҳо, дурнамои суғуртаи тиббӣ, модели такмили низоми суғуртавӣ таҳлил ва баҳогузорӣ гарддидааст.

- манбаҳои таъсиррасони даромади буҷети хонавода барои некуаҳволии мардум суғуртаи тиббӣ равона карда шудааст ва барои молиякунонии он равона карда мешавад. Вобаста ба саволномаҳои интегралӣ, модели регросионӣ, квадратҳо, оморҳо, дар асоси таъмини суғурташавандагон муайян шудааст.

- таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки суғуртаи тиббӣ дар мамлакатҳои пешрафта дар сатҳи баланди хизматрасонӣ қарор доранд ва дар ин самт худи аҳолӣ бошанд нисбати суғуртаи тиббӣ маълумоти лозимаро доранд, ки суғуртаи тиббӣ ба аҳолӣ дар вақти лозима кӯмак мерасонанд.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот оид ба интихоби усулҳо дар раванди таҳлилу таҳқиқи мавзуъ, микдори зарурии мавод, эътимоднокии маълумоти ҷамъоваришудаю коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидаанд.

**5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳаммияти илмию амалии таҳқиқотро натиҷаҳои илмӣ ва амалии татқиқоти муаллиф оид ба такмили иқтидори иқтисодӣ, молиявӣ, суғуртаи тиббӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилояти Суғд, Хатлон, Бадахшон ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ муҳим мебошад. Муқаррароти илмӣ ва тавсияҳои амалии дар таҳқиқот таҳияшуда имкон медиҳанд, ки дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ суғуртаи тиббӣ муҳим буда, дар замони муосир самтҳои такмили иқтидори молияви ширкати суғуртаи тиббӣ афзалиятҳои калон дорад.

Баъзе тавсияҳои методӣ ва амалии дар диссертатсия асосёфтаро дар ҷараёни таълим зимни тадриси фанҳои таълимии «Суғурта», «Молия», «Молияи корхонаҳо» ва «Суғуртаи мамлакатҳои хориҷӣ» дар факултетҳои иқтисодии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ истифода бурдан мумкин аст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки тавсияҳои амалӣ ва усулҳои дар диссертатсия дарҷшударо ҳангоми таҳлил ва қабули қарорҳои идоракунӣ дар раванди баҳисобгирии иқтидори ширкатҳои суғуртавӣ ва танзими равандҳои ширкатҳои суғуртаи тиббӣ истифода бурдан мумкин аст. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми пешбурди таҳқиқоти илмӣ оид ба афзоиши ширкатҳои суғуртаи тиббӣ мебошад ва

иқтидори молиякунии он дар замони муосир муҳим дониста мешавад. Ҳангоми баррасии мавзуъ муаллиф ба равияҳои консептуалӣ, ки дар монографияҳои илмӣ, маводи конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ҳисоботи илмии марказҳои намоёни илмӣ баён гардидаанд, инчунин, ба қонунҳо, стратегияву барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон такя намудааст.

**6. Мазмуни кори диссертатсионӣ.** Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок ва тавсифи умумии таҳқиқот, нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия ва истифодаи натиҷаҳои он кушода шудаанд.

**Дар боби якум - «Асосҳои илмӣ-назариявии суғуртаи тиббӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ»** Вазъи саломатии аҳолӣ яке аз нишондиҳандаҳои асосиест, ки сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии ҳар як кишварро муайян мекунад. Саломатии аҳолӣ, таъмини ғизои солим барои баланд бардоштани саводнокии аҳолӣ кумак намуда, дар баланд бардоштани малакаи касбии кормандон саҳми калон мебозад. «...Таъмини солимии аҳолӣ масъалаи байнисоҳавӣ буда, ҳалли он аз саломатӣ ҳангоми таваллуд, саводнокӣ ва тарзи зиндагӣ, ҳолати экологии муҳити зист, шароити меҳнат, мукаммалии истеъмоли ғизо, дараҷаи некӯаҳволӣ ва самаранокии низоми тандурустӣ вобастагӣ дорад, аз ин рӯ равиш ва роҳҳои ҳалли он бояд маҷмӯӣ бошад». (С 17).

Муаллиф қайд мекунад, ки вобаста ба хусусиятҳои хоси суғуртаи тиббӣ ҳаминро бояд қайд кард, ки дар равишҳои илмӣ ва адабиётҳои иқтисодӣ мафҳуми ягонаи он вуҷуд надорад. Тибқи таърифи Созмони ҷаҳонии тандурустӣ, суғуртаи тиббӣ ин сохтори маблағгузорие мебошад, ки ёрии тиббиро таъмин намуда, сатҳи хавфҳои молиявиро барои суғуртакунандагон поён мебарад. Ба ақидаи Н. Климчук суғуртаи тиббӣ сохтори ҳифзи молиявӣ мебошад, ки ҳангоми пардохти ҳаққи хизматрасонии суғуртавӣ, дастрасиро ба ёрии табиӣ таъмин намуда, хавфи саломатиро мепӯшонад (С 21).

Дар зербоби 1.2. Таҳлили арзёбии суғуртаи тиббӣ муайян шудааст. Дар айни замон сатҳи ҷузъи хизматрасонӣ ба як нишондиҳандаи нави арзёбии сифати хизматрасонии тиббӣ ва самаранокии фаъолияти ташкилотҳои тиббӣ дар маҷмӯъ табдил ёфтааст. Ин мушкилот таҳти назорати мақомоти қонунгузор қарор дорад ва дар байни тадқиқотчиёни мактабҳо ва самтҳои гуногуни илмӣ таваҷҷуҳи бетағйирро ба вуҷуд овардааст (С33-44).

Дар зербоби 1.3. Асосҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва ҳуқуқии ташаккули низоми суғуртаи тиббӣ оварда шудааст. Бӯҳрони шадиди соҳаи тандурустӣ дар охири солҳои 90-ум ва дар марҳилаи аввали соҳибистиқлолии мамлакат ба ислоҳоти соҳаи тандурустӣ оварда расонида ин соҳаро ба мушкилотҳои молиявӣ, моддӣ-маънавӣ рӯ ба рӯ намуд, ки ин мушкилотҳо то ҳадде аз вазъи молиявии муассисаҳои тандурустӣ вобастагии калон дорад, ки дар ин замина дарёфти механизмҳои муосири молиявикунонии соҳаи тандурустӣ ва беҳтар намудани пояи меъёрӣ, ҳуқуқии онро ба миён гузоштааст (44-56).

**Боби дуюм «Арзёбии ҳолати муосир ва ташаккули низоми суғуртаи тиббӣ дар Тоҷикистон» номгузорӣ шудааст.** Бояд иброз дошт, ки соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар сиёсати давлатӣ мавқеи калидиро касб менамояд, чуноне, ки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ соли 2022 қайд намуданд: «...Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ҳанӯз аз оғози соҳибистиқлолӣ пешрафти бомароми соҳаҳои муҳимми ҳаёти ҷомеа – ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, илму маориф, тандурустӣ ва фарҳангро яке аз самтҳои асоситарин ва афзалиятноки сиёсати худ қарор дода, барои расидан ба ин ҳадафҳо ҳамаи тадбирҳои заруриро амалӣ карда истодааст» (С 57-58).

Аҳамияти суғуртаи тиббӣ дар бозорӣ хизматрасониҳои тиббии ватанӣ баъд аз хуруҷи пандемияи коронавирус COVID-19 дар соли 2020 пайдо шуд, ки одамон ба мушкилоти пешниҳоди хизматрасонии аввалияи тиббӣ, маблағгузории нокифояи муассисаҳои тиббӣ, дармонгоҳӣ, норасоии катҳои хоб дар беморхонаҳо, норасоии маводҳои доруворӣ ва муолиҷаи беморон дар муҳити хона ба миён омад. Дар бисёри аз кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон суғуртаи тиббӣ ҳамчун таҷрибаи пешқадам самаранокии худро нишон дода, муассисаҳои тиббӣ бе полиси суғуртавӣ беморонро қабул наменамоянд (С 73).

Барои рушди минбаъдаи фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ, бозори суғуратаи тиббӣ аз ҷумла суғуртаи ихтиёри тиббӣ пеш аз ҳама баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ зарур мебошад. Дар ин замина, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022 «Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026» қабул шудааст, ки ҳадафи стратегияи мазкур мустаҳкам намудани самтҳои ҳуқуқӣ ва пояҳои молиявии ширкатҳои суғуртавӣ баҳисоб рафта, беҳтар намудани самтҳои хизматрасониҳои молиявиро дар доираи суғуртаи тиббӣ пешбини менамояд (С 90).

**Доир ба боби сеюм «Самтҳои афзалиятноки рушди суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» номгузорӣ намудааст.** Бояд гуфт, ки суғуртаи ҳатмии тиббӣ маҳдудиятҳои муайяни худро дорад, ки тибқи барномаи он номгӯи хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ пешниҳод карда мешавад ва ба бемориҳои зерин дар доираи ин барнома хизматрасониҳо расонида намешавад, аз ҷумла: бемориҳое, ки бо роҳи алоқаи ҷинсӣ мегузарад; ВНМБ, СПИД; бемории сил; бемориҳои асаб, ки маблағузориҳои онҳо ҳамчун ёрии ройгони тиббӣ аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ роҳандози карда мешавад (С 115).

Вобаста ба ин, бояд қайд намуд, ки дар асоси таҳлилҳо маълум гардид, ки суғуртаи ихтиёрии тиббӣ аз ҷониби ширкатҳои суғуратвӣ дар маркази шаҳрҳои калон аз қабили: шаҳри Душанбе, шаҳри Хуҷанд, шаҳри Бохтар ва қисман дар шаҳри Кӯлоб роҳандозӣ карда шуда, дар дигар шаҳрҳо тақрибан ба чашм намерасад. Дар замина бояд марҳила ба марҳила тадбиқи суғуртаи ихтиёрии тиббиро дар дигар шаҳру ноҳияҳо амалӣ намуд (С 125).

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон суғурати ҳатмии тиббӣ ва ихтиёрии тиббӣ дар 5 солаи охир хело рушд карда, боиси рушди бозори суғуртаи ватанӣ гаштааст. Суғуртаи тиббӣ дар баробари беҳтар намудани вазъи молияи муассисаҳои тиббӣ, беҳтар намудани сатҳи хизматрасониҳои тиббӣ дармонгоҳӣ ҳамзамон, барои баланд бардоштани дармоднокии моливии хонаводаҳо ва дастгирии моливии онҳой саҳми арзанда дорад. Суғуртаи тиббӣ дастгирии молиявии оилаҳоро дар самти коҳиш додани хароҷотҳои моливии соҳаи тиббӣ баланд мебардорад (С 133).

**7. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб оид ба шаклгирии диссертатсия.** Дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсия баъзе норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқоти минбаъдаи муаллифи диссертатсия аз аҳаммият холӣ нестанд:

1. Дар зербоби 1.2 ақидаи олимони хориҷӣ бештар оварда шудааст ва ақидаи олимони дохилӣ бошад кам ба назар мерасад, шояд дигар олимони тоҷик дар ин бора кор накардаанд.
2. Дар ҷадвали 2.2, маблағгузорӣ ба фонди суғуртаи иҷтимоӣ ба аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки солҳои 2019 ва 2023-ро дар бар мегирад, аммо миёнаи солҳои 2023-2029 таҳлил гардидааст, ки инро диссертант дар асоси кадом сарчашма муайян намудааст.

3. Суғуртаи тиббӣ бештар аз замони COVID 19 соли 2020 инҷониб ба назар мерасад то соли 2020 суғуртаи тиббӣ мавҷуд набуд ва кадом ширкатҳо ба бастани суғуртаи тиббӣ машғуланд (С. 73).

4. Аз соли 2019 то 2021 ду ширкати суғуртавӣ аз фаъолият боз монд ва аз ҷониби Бонки миллӣ бозхонд шудааст дисертанд муайян намудааст, ки ин бо кадом сабаб аз фаъолит боз мондааст (С. 74).

5. Дар ҷадвали 2.8, нишон дода шудааст, ки ширкатҳои суғуртавӣ бо ташхисгоҳҳои хусусӣ ҳамкорӣ менамоянд ва диссертант муайян накардааст, ки бо беморхонаҳои давлатӣ ҳамкорӣ менамоянд ё не.

6. Зиёда аз 21% ширкатҳои суғуртавӣ набудани дастгирии давлатиро омили асосии рушд накардани бозори суғуртавии ватанӣ ҳисобидаанд, ки дар бисёр кишварҳои ҷаҳон ширкатҳои ватанӣ аз дастгирии васеи давлатӣ бархурдор мебошанд, маҳз дар ин самт мушкилотҳои зерин ҷой доранд, мушкилотҳо дар алоҳидагӣ шаҳр дода шудааст. Ин мушкилотҳоро ба кадом роҳ ҳал намудан лозим нишон дода нашудааст (119-120).

Бо ибрози чунин нуқтаи назар метавон гуфт, ки камбудиҳои пешниҳодгардида хислати тавсиявӣ дошта, мазмун ва баҳои воқеии рисоларо тағйир намедиҳад.

**8. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Аз шиносоӣ бо муҳтавои диссертатсияи пешниҳодшудаи унвонҷӯ бармеояд, ки тахассуси илмии ӯ ба дараҷаи илмии дархостшаванда мутобиқат менамояд. Ибодов Нурали Ҳасанович аз рӯйи тахассус ва натиҷаҳои илмии бадастоварда ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901) – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунанд. Ҳангоми тавсифи довталаб ба ҳайси корманди илмӣ сифати шоистаи ӯро чун донишомӯз, масъулиятшинос, қобилияти дар сатҳи баланд ташкил кардани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, мустақилона қабул кардани қарорҳо ва муайян намудани роҳҳои расидан ба вазифаҳои гузошташуда махсус бояд таъкид намуд.

**9. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Баррасии диссертатсия нишон дод, ки вобаста ба натиҷаҳои таҳқиқот муаллиф дар умум 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла,7 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба нашр расонидааст.

**10. Мутобиқати матни автореферат бо мазмуни диссертатсия.** Автореферат ва мақолаҳои муаллиф мазмун ва мундариҷаи асосии

диссертатсияро фарогир мебошанд ва ба талаботи муқаррарнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, корҳои интишоркардаи муаллиф иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро инъикос менамоянд.

**11. Хулосаи умумӣ.** Дар маҷмуъ, кори диссертатсионии Ибодов Нурали Ҳасанович дар мавзуи «Асосҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва молиявии ташаккули низоми суғуртаи тиббӣ дар Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод гаштааст, рисолаи илмии анҷомёфтаи дорои хислату мазмуни илмию амалидошта, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он Ибодов Нурали Ҳасанович сазовори дараҷаи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи молияи МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №10 аз 02 июни соли 2025).

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 20 нафар. Натиҷаи овоздиҳии кушод: Тарафдор – 20 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа,**
н.и.и., дотсент, мудири кафедраи молияи
МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав» Раҳимов П.С.

**Ташхисгар,**
н.и.и., саромӯзгори кафедраи молияи
МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав» Султонов М.С.

**Котиби ҷаласа,**
доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси
6D050704, дотсенти кафедраи молияи
МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав» Гулов Б.М.

*Имзоҳои Раҳимов П.С., Султонов М.С. ва Гулов Б.М.-ро тасдиқ менамоям.*
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав» Исозода Т.И.

***Суроға:*** *Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, 735140, ш. Бохтар кӯчаи Айнӣ, 67*
*Тел: +(992)3222-2-54-81, +(992)3222-2-22-53, E-mail: bgu-1978@mail.ru, www.btsu.tj*